# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ).**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**23 апрели соли 2026, №125**

Барои сазовор донистани Қурбонзода Навбаҳор Қурбон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) ба ҳимояи якдафъаина 10 феврали соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №114-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 31.10.2025, №415/ҳя таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қурбонзода Навбаҳор Қурбон 25.03.1995 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2015 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ (дараҷаи бакалавр), (ДМБ №0044702) ва соли 2017 Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусравро (ҳозира Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) бо дараҷаи магистри илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ (ДММ №0006375) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон аз моҳи октябри соли 2018 дар муассисаи таълимии №35-и ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ оғоз гардидааст. Аз соли 2018 то моҳи сентябри соли 2023 ба ҳайси омӯзгори забони англисӣ дар Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхии вилояти Хатлон кору фаъолият кардааст.

Аз соли 2023 инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолияти кориашро идома бахшида истодааст.

Қурбонзода Навбаҳор Қурбон солҳои 2020-2024 ҳамчун унвонҷӯйи шуъбаи омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) (фармоиши қабул аз 25.09.2020, №106) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ», бо қарори шурои олимони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 30.11.2020, №10 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Сафаров Шодӣ Асомуродович – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»;

Аҳмадзода Бунафша Саймузафар – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ».

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 16.03.2026, протоколи №7, ки онро раиси ҷаласа, Қодиров Ш.С. – номзади илмҳои география, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва котиби ҷаласа Нураҳмадзода Д. имзо карда, ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода - доктори илмҳои доктори

илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки «... кори таҳқиқотии Қурбонзода Навбаҳор Қурбон яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замони муосир буда, тарбияи маънавию ахлоқиро дар раванди таълим баррасӣ намуда, нақши таълими забони англисиро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, фарҳанги муошират ва арзишҳои инсонӣ нишон додааст. Муаллиф қайд кардааст, ки дар шароити рушди ҷомеаи муосир масъалаи тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати маориф ба ҳисоб меравад. Ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бояд на танҳо донишҳои касбӣ, балки сифатҳои баланди маънавию ахлоқӣ, ҳисси масъулият, фарҳанги муошират ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашариро соҳиб бошанд. Аз ин рӯ, ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ дар раванди таълим, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, аҳаммияти махсус дорад.

Вобата ба ин, омӯзиши забони англисӣ на танҳо воситаи аз худ намудани донишҳои забонӣ, балки яке аз муҳитҳои муҳимми тарбиявӣ низ ба шумор меравад. Дар раванди дарсҳои забони англисӣ донишҷӯён бо фарҳанг, урфу одат, арзишҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии халқҳои гуногун шинос мешаванд, ки ин раванд ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба фарҳангҳои дигар ва рушди маънавии онҳо мусоидат мекунад.

Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогикаи ватанӣ бахшида шудааст. Диссертатсия дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои олимону педагогҳои шинохтаи кишвар рӯйи кор омадааст. Унвонҷӯ барои дар амал татбиқ намудани фарзияи таҳқиқот кӯшиши зиёд ба харҷ додааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва амалии олимон ва муҳаққиқони соҳаҳои педагогика, методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, инчунин, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мавриди истифода қарор гиранд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд барои такмили асосҳои назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ мусоидат намоянд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он аст, ки татбиқи натиҷаҳои он метавонад ба баланд гардидани сатҳи маънавию ахлоқии ҷавонон, ташаккули ҷаҳонбинии солим ва рушди шахсияти донишҷӯён мусоидат намояд.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар маҷалаҳои тасдиқнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба

мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи унвонҷӯй арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳамияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Қурбонзода Навбаҳор Қурбон довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 13 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 6 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Талбакова Н.Қ. Тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ. Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф №3 (44) 2022. – С.124-129.

[2-М]. Талбакова Н.Қ. Ҳадаф ва вазифаҳои тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони хориҷӣ(англисӣ) Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №3 (48), 2023. –С. 63-67.

[3-М]. Талбакова Н.Қ., Қурбонов А.Ш. Таҳлили боҳамалоқамандии диалектикии муносибати омӯзгор ва донишҷӯ ҳамчун субъект ва объекти раванди таълиму тарбия. Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф №3 (44) 2023. –С.42-46.

[4-М]. Талбакова Н.Қ. Донишҷӯ ҳамчун объект ва субъекти таълиму тарбия.//Паёми донишгоҳи давлатии бохтарба номи Носири Хусрав (Маҷаллаи илмӣ) Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. 2025. №1/1 (131) -С. 213- 2016. ISSN 2663-553;

[5-М]. Талбакова Н.Қ. Такмили тарбияи ахлоқии донишҷуён дар дарсҳои забони англисӣ ва омода намудани онҳо ба касби оянда //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулло Рӯдакӣ. №2 (39) 2025. -С. 163. ISSN 2616-5260.

[6-М]. Талбакова Н.Қ. Шахсияти омӯзгор ҳамчун омили муҳимми ташаккули тафаккури ахлоқии донишҷӯён.//Паёми Академияи таҳсилоти

Тоҷикистон. №2 (56), 2025. -С.118-123.

Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар таҳқиқи мавзуи илмӣ (дар саҳифаи 5-уми диссертатсия) оид ба таҳқиқоти муқарризони расмӣ дар атрофи масъалаи мазкур нишон дода нашудааст.
2. Дар кори диссертатсионӣ саҳми муҳаққиқони ватанӣ кам ба назар мерасад (дар саҳ. 6,7,8-и диссертатсия).
3. Масъалаи истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, махсусан воситаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар раванди тарбияи маънавию ахлоқӣ ба таври маҳдуд баррасӣ гардидааст, дар ҳоле ки дар шароити муосир аҳамияти он рӯз аз рӯз меафзояд.
4. Дар қисмати таҷрибавӣ (эксперименталӣ) тавсифи баъзе марҳилаҳои таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомада ба таври муфассал пешниҳод нашудааст (аз саҳ. 98 то 118). Барои равшантар нишон додани самаранокии усулҳои пешниҳодгардида, истифодаи маълумоти оморӣ ва ҷадвалҳо мувофиқи мақсад мебуд.
5. Ҳангоми баргузории маърӯзаи диссертант, яке аз эродҳои асосии аз ҷониби эксперти кафедра пешниҳодгардида ба он равона шуда буд, ки муҳаққиқоне, ки дар доираи мавзуи таҳқиқотии мазкур фаъолияти илмӣ анҷом додаанд, бояд ҳатман дар матни диссертатсия бо тартиби мувофиқ ва бо истинодҳои зарурӣ инъикос гарданд.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна мураттаб гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 7 аз 16.03. соли 2026).

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1 Раҷабзода Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мушовири ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Файзуллозода Ҳусейн – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултети варзиши Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

3. Каримзода Шавкат – номзади илмҳои педагогӣ, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Самадова Гулҷаҳон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Қурбонзода Навбаҳор Қурбон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 10 феврали соли 2026, протоколи №114-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- ташаккули асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тавассути дарсҳои забони англисӣ дар заминаи методологӣ ва назариявӣ **асоснок карда шудааст;**

- омӯзиши забони англисӣ дар асоси равиши салоҳиятмеҳвар шароити рушди малакаи таҳлилӣ ва қобилияти иттилоотии хонандагон **асоснок карда шудаанд;**

- ҷанбаҳои психологӣ ва педагогӣ дар инкишофи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ **аниқ карда шудааст;**

- вобаста ба рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ нигаронидашуда**, амсила таҳия ва тасвиб карда шудааст;**

- муҳтавои раванди таълиму тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ **тарҳрезӣ карда шудааст;**

- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- нақши рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши ташаккули ҷанбаҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- мафҳуми «тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён» барои марҳилаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дақиқ ва систематикӣ **шарҳ дода шудааст;**

- структураи методологӣ ва психолого-педагогии ин салоҳиятҳо таҳлил гардида, ҷузъҳои асосии он (иттилоотӣ, маърифатӣ, таҳлилӣ, арзишӣ ва амалии иҷтимоӣ) **асоснок карда шудаанд;**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву

психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди **истифода қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқ кардани асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- барои ҷорӣ намудани рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни забони англисӣ **мусоидат менамояд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна, миёнаи касбӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- мустаҳкамии назариявии фарзияи таҳқиқот, ки дар асоси таҳлили манбаъҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ таҳия гардида, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синнусолӣ ва шахсияти донишҷӯён **такмил дода шудааст;**

- истифодаи маҷмӯи усулҳои гуногуни таҳқиқоти эмпирикӣ (мушоҳида, саволнома, мусоҳиба, озмоиши муқаддимавӣ ва ташреҳӣ), ки натиҷаҳоро аз ҷиҳати сифатӣ ва миқдорӣ тасдиқ менамоянд **исбот карда шудааст;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- мукаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар таҳлили** ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот;

- **дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 23 апрели соли 2026, №125 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Қурбонзода Навбаҳор Қурбон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ

(5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

И.в. раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Каримова Ирина Холовна

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 23.04.2026.